**ХУЛОСАИ**
**ШУРОИ ЯКДАФЪАИНАИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА – 050**
**ДАР НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮЙИ**
**ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДОКТОРИ**
**ФАЛСАФА (PhD), ДОКТОР АЗ РӮЙИ ИХТИСОС**

**Парвандаи аттестатсионии №_______________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 08.07.2025, № 5**

Барои сазовор донистани Масаидов Ҷамшедҷон Ғуфронович ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D080600 – техникаи аграрӣ ва технология (6D080601 – технология ва васоити механиконии кишоварзӣ).

Диссертатсия дар мавзуи **«Мукаммалгардонии технологӣ ва воситаҳои техникӣ ҳангоми истифодаи танзимкунандаҳои сабзиш дар токзор»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D080600 – техникаи аграрӣ ва технология (6D080601 – технология ва васоити механиконии кишоварзӣ) аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 050-и назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (бо нишонии 734061, шаҳри Душанбе, Неъмат Қаробоев 63/3) 1 майи соли 2025 ба ҳимояи якдафаъина қабул карда шуд (Протокол №4 ҷаласаи Шурои диссертатсионӣ).

Довталаби дарёфти дараҷаи илмии номзади доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D080600 – техникаи аграрӣ ва технология (6D080601 – технология ва васоити механиконии кишоварзӣ) 17.11.1993 дар вилояти Суғд, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров дар оилаи зиёӣ ба дунё омадааст. Соли 2011 Литсейи физикӣ – математикии №1 шаҳри Хуҷандро хатм намуда, ба Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд ба факултети муҳандисӣ-технологӣ дохил шуда, онро соли 2015 аз рӯйи ихтисоси “Истеҳсол, нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти растанипарварӣ” хатм намудааст. Соли 2015 ба шуъбаи магистратураи Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд дохил шуда, соли 2017 онро хатм намудааст. Соли 2017 ба докторантура PhD-и Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд дохил шуда онро соли 2020 аз рӯйи ихтисоси 6D080600 – техникаи аграрӣ ва технология хатм намудааст.

Соли 2015 – котиб коргузори кафедраи Агротехнологияи ва сарлаборанти кафедраи Химия ва технологияи ДПДТТХ, соли 2016 – раиси

созмони ҷавонони ДПДТТХ, аз соли 2020 - ассистенти кафедраи Агротехгология ва экологияи саноат ва аз аз соли 2024 – сардори бахши кор бо ҷавононӣ ДПДТТХ то ҳол фаъолият намуда истодааст.

Кори диссертатсионӣ дар кафедраи агротехнология ва экологияи саноати Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд ва Филиали Институти боғу токпарварӣ ва сабзаводкории АИКТ дар вилояти Суғд иҷро гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:**

Рашидов Наим Ҷалолович, доктори илмҳои кишоварзӣ, дотсент, мудири кафедраи агротехнология ва экологияи саноати Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ дар ш.Хуҷанд.

**Мушовири илмӣ:**

Буҳодуров Шукрулло Бурҳонович, доктори илмҳои техникӣ, сарходими илмии шуъбаи механиконии кишоварзии Филиали Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ дар вилояти Суғд.

**Муқарризони расмӣ:**

Аҳмадзода Бахромҷон Раҷаб, доктори илмҳои техникӣ, дотсент, собиқ муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев, ҳоло муовини Вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Амиров Нуридин Ризвонович, номзади илмҳои техникӣ, дотсенти кафедраи хизматрасонии техникӣ ва таъмири мошинҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Маркази илмии технологияҳои инноватсионӣ ва механиконии кишоварзии Академияи илмии кишоварзии Тоҷикистон.

Дар хулосаи мусбии додашудаи муассиса, ки аз ҷониби эксперт Мироқилов Ҷ.Ҳ., номзади илмҳои техникӣ, дотсент, ходими калони илмии шуъбаи механиконии Маркази илмии технологияҳои инноватсионӣ ва механиконии кишоварзии АИКТ имзо шуда, қайд шудааст, ки мавзуи таҳқиқоти Масаидов Ҷ.Ғ. хеле мубрам буда, аҳамияти илмӣ ва амалӣ дорад. Кори диссертатсионии Масаидов Ҷамшедҷон Ғуфронович кори илмии ба анҷом расида ба шумор рафта, муаллиф дар ҳалли масъалаи такмил додани таҷҳизоти пошдиҳӣ ва истифодаи танзимкунандагони сабзиш ва таъсири онҳо ба афзоиш ва сифати навъи ангури Кишмиши сиёҳ таъсири мусбӣ расонида, дар минтақаи Б.Ғафурови Тоҷикистони шимолӣ кори пурарзиши илмӣ-амалии анҷомёфта мебошад. Дар асоси натиҷаҳои ба даст оварда Масаидов Ҷ.Ғ., хулосаҳои мушаххас баровада ба истеҳсолот тавсияҳои

саҳеҳ бо истифода аз таҷҳизоти такмил додаи U-шакл мӯҳлат ва меъёри танзимкунандагони сабзиш пешниҳод кардааст.

Бори аввал коструксияи таҷҳизоти дорупошӣ барои соҳаи токпарварӣ сохта мукаммал гардонида шуда, параметрҳои геометрӣ ва кинематикии он муайян карда шуд.

Инчунин, воситаи техникии сохта шуда ҳангоми пошидани моеъҳои обӣ тавассути технологияи амсиласозии математикӣ (муодилаҳои суръати ҳаракати сели моеъ ва роҳ) ҳисоб карда шуд. Аз ҷиҳати назариявӣ сарфи маҳлули корӣ, шумораи пошакҳо ва масоҳати пошиши онҳо вобаста аз андозаҳои кинематикӣ ва реҷаи кори таҷҳизот аниқ карда шуд.

Бори аввал таъсири танзимкунандаҳои сабзиш ва равандҳои техникӣ-технологӣ мукаммалкардашуда ба нишондиҳандаҳои агробиологии ангур ва самаранокии он муайян карда шуд.

Таҷҳизот ба дорупошаки мукаммалкардашуда имконият дод, ки хароҷоти маҳлули моеъро ба 2,0-2,5 маротиба сарфа намуда, сифати коркарди хӯшаҳои ангурро баланд гардонд. Ин нишондиҳандаҳо ба шарофати интихоби шумораи пошакҳо ба миқдори 4 дона, гузориши мутаносиби масофаи пошак то девораи амудии (амудӣ), ки 50 см-ро ташкил медиҳад ва суръати ҳаракати агрегати дорупошак аз 4,5 то 5,5 км/соат ба даст оварда шудааст.

Навгонии илмӣ бо нахустпатентҳо, ки аз ҷониби Муассисаи давлатии Маркази миллии патентию иттилоотии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мувофиқи навгонии он аз санаи 08.10.2020 с. таҳти № TJ 1111 “Тарзи ҷуфттартибдиҳии буттаҳои токи ангур” ва доир ба сохтор “Таҷҳизоти дорупошӣ барои коркарди буттаҳои ангур бо маҳлули обӣ” таҳти № TJ 1588 аз 18 марти соли 2025 ба даст оварда шудааст, тасдиқ мекунад.

Дар асоси натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ 17 номгӯйи таълифоти илмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсионӣ, ки аз онҳо 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшаванда, 1 мақолаи дар маҷаллаи байналмилалии тақризшавандаи СКОПУС, 9 мақола дар конференсияҳои байналмиллалӣ ва ҷумҳуриявӣ, 2 нахустпатент нашр гардида, инчунин 2 санади татбиқ дар истеҳсолот ба даст оварда шудааст.

Мӯҳтавои асосии диссертатсия дар интишороти зерин дарҷ гардидаанд:

**А) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои эътирофгардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

**1. Масаидов Ҷ.Ғ.** Таъсири танзимкунандаҳои сабзиш ва равандҳои техникию технологӣ ба нишондиҳандаҳои агробиологии ангур /Рашидов

Н.Ҷ., Баҳодуров Ш.Б.,Усмонова М.Я. // Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолӣ “Кишоварз”. – Душанбе, 2 (103), - Душанбе 2024. – С. 79-82.

**2. Масаидов Ҷ.Ғ.** Маҳсулнокии растании ангур вобаста аз таъсири танзимкунандаҳои рушд ва хусусиятҳои экологӣ. Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, “Паёми ДТТ”, - Душанбе, 4 / II (55) 2023. – С. 35-39.

**3. Масаидов Ҷ.Ғ.** Фитоклиматические параметры виноградного куста в зависимости от агроэкологических условий / Гулов С.М., Рашидов Н.Ҷ. / Вестник Алтайского государственного аграрного университета. – 2020. – № 9(191). – С. 10-17.

**4. Масаидов Ҷ.Ғ.** Параметри геометрӣ ва кинематикии таҷҳизот ба дорупошак ҳангоми истифодаи моеи обӣ бо гиберлин /Рашидов Н.Ҷ., Буҳодуров Ш.Б., Хӯҷаназарова М.И. // Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, “Паёми ДТТ”, - Душанбе, 4 (59) 2024. – С. 47-55.

**5. Масаидов Ҷ.Ғ.** Самаранокии иқтисодӣ аз истифодабарии танзимкунандагони сабзиш дар истеҳсолот /Рашидов Н.Ҷ., Ғафоров А.А., Усмонова М.Я.// Паёми Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев, № 4 (32) 2024. – С. 52-58.

Ба диссертатсия **3** тақриз ва ба автореферати диссертатсия **7** тақриз дода шудааст.

**Хулосаи муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар** шаҳодат медиҳад, ки натиҷаҳои бадастомада дар ин соҳаи илм дуруст ва саривақтӣ буда, маводи интишоршуда мувофиқ ба раванди таҳқиқот аст, кори диссертатсионии иҷрошуда дорои аҳамияти амалӣ мебошад.

**Тақризи муқаррizi расмӣ Аҳмадзода Баҳромҷон Раҷаб**, доктори илмҳои техникӣ, дотсент, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев, мусбӣ буда, эродҳои зерин дорад:

1. Аз сабаби он ки таҷриба дар шароити экологии минтақаи шимоли Тоҷикистони оварда шуда аст, беҳтар мебуд, ки ҳангоми ишораи натиҷаҳо мавқеи ҷуғрофӣ инъикос гардад.

2. Барои муқосаи самаранокии таъсири танзимкунандаҳои сабзиш ва истифодаи таҷҳизоти пешниҳодшаванда, беҳтар мебуд агар таҷриба барои дигар навъҳои ангур ва тарзи ҷойгиршавии бутаи ангур (бетана, баландтана) низ гузаронида шавад.

3. Ҳангоми баҳодиҳии таҷрибавии самаранокии пошакҳои пешниҳодшаванда, беҳтар мебуд, агар таъсири намудҳои дигар насос ва шамолдиҳандаҳо низ омӯхта мешуданд.

4. Дар баъзе расмҳо (аз он ҷумла расми 34,саҳифаи 118, расми 35 саҳифаи 120) камбудиҳо (набудани воҳидҳои ченак, хатогиҳои техникӣ) мавҷуданд.

5. Ҳангоми муқоисаи нишондиҳандаҳои таҷҳизоти пешниҳодшавандаи мукаммалгардида бо дорупошакҳои маъмулӣ беҳтар мешуд, агар дар қатори дорупошакҳои механикӣ нишондиҳандаҳои дорупошакҳои дастӣ низ оварда мешуданд.

6. Дар матни диссертатсия хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

**Тақризи муқарризи расмӣ Амиров Нуридин Ризвонович,** номзади илмҳои техникӣ, дотсенти кафедраи хизматрасонии техникӣ ва таъмири мошинҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур, эродҳои зеринро дар бар мегирад:

1. Гарчанде, ки унвонҷӯй маълумоти аникро доир ба истеҳсоли коркарди ангур бо танзимкунандагони сабзиш дар дигар кишварҳо, аз он ҷумла дар Тоҷикистон пешниҳод карда бошад ҳам, вале доир ба майдони кишт, ҳосилнокӣ, истеҳсоли умумӣ ва кадом навъҳои онҳо дар минтақаҳои вилояти Суғд ё Тоҷикистон парвариш карда мешавад, маълумот оварда нашудааст.

2. Аз кадом сабаб дар муддати солҳои 2017-2021 навъҳои таҳқиқшавандаи ангур омӯхта шуданд ва аз кадом нуктаи назар фақат гибберлин ва сиркон ҳамчун танзимкунандагони сабзиш интихоб карда шуд?

3. Дар диссертатсия формулаи 38 фишори ба девори қубур таъсиркунанда ишораи P (саҳ. 79) омадааст ва боз дар формулаи 42 ишораи P (саҳ. 80) оварда шудааст, ки аз якдигар нишондодҳо фарқ мекунанд, сабаб дар чист?

4. Расми 34 дар диссертатсия ва расми 12 дар автореферат диаграмма оварда шудааст, ки нишондодҳои амудӣ ва уфуқӣ қайд карда нашудааст.

5. Дар расми 35 (саҳ. 120) дар диссертатсия натиҷаҳои бадастоварда қайд шудааст, лекин бо сабаби нишондодҳо болои ҳамдигар будан, рақамҳо номаълум аст.

6. Хуб мешуд, ки ҳангоми омӯзиш натиҷаҳои пошакҳои дастӣ ва самаранокии онҳо низ бо саҳеҳӣ дар диссертасия оварда мешуд.

**Тақризи муассисаи пешбар** (муассисаи тақриздиҳанда) мусбӣ мебошад. Тақриз эродҳои зерин дорад:

1. Ҳиссаи алоҳидаи таъсири омилҳо (таҷҳизоти такмилёфта ва танзимкунандаи сабзиш) ба ҳосилнокӣ дар алоҳидагӣ оварда шавад беҳтар мебуд.

2. Навгонии таҷҳизоти пешкашшавандаи U-шакл фақат борои пошидани танзимкунандагони сабзиш мебошад ё барои дигар намуди маҳлулҳои обӣ низ истифода бурдан мумкин аст?

3. Истифодаи воситаҳои техникӣ, айёниятҳо ва барномаҳои компютерӣ дар таълим дар осори илмӣ баррасӣ карда шудааст, лекин ҳисоби он дар амалия чи тавр истифода шудааст?

4. Реҷаи ҳаракати турбулентӣ бо кадом усул ҳисоб карда шудааст?

5. Тавозуни ҳисоби ҳиссаҳои моеи корӣ ҳангоми пошидани танзимкунандаҳои сабзиш ба буттаҳои ангур чи тавр ба роҳ монда шуд?

6. Дар диссертатсия маълумот оиди шароити гузаронидани тадкиқотҳои таҷрибавӣ (ҳарорат ва намнокии ҳаво, суръати шамол, самти шамол ва ғайра) оварда нашудаанд.

7. Барои муайян намудани фишори кории таҷҳизот ОВТ, чи гуна асбоб истифода бурда шуд?

8. Расми 35, саҳ. 120 натиҷаҳои *динамикаи дарозии навдаҳо дар моҳҳои аввал омехта мебошанд.*

9. Дар матни рисола ва автореферат ба хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ роҳ дода шудааст.

Ба автореферати диссертатсия **7** тақризи мусбӣ ворид гардид:

**1) Тақриз** аз доктори илмҳои техникӣ, профессори Донишгоҳи давлатии аграрии Санкт- Петербурги ФР, профессор Огнев Олег Геннадьевич. Тақриз мусбӣ аст. Чунин эродҳо дорад:

1. Хулосаҳои 1 ва 2-и автореферат дорои навовариҳои илмӣ нестанд, зеро самаранокии истифодаи технологияҳои мошинӣ нисбат ба меҳнати дастӣ кайҳо собит шудааст.

2. Ҳангоми таҳқиқи технологияи пошидан (опрыскивание), муаллиф бояд таъсири омилҳои обуҳавоӣ ва иқлимӣ (монанди ҳарорат, намӣ, шиддати шамол ва ғайра)-ро низ ба инобат мегирифт.

3. Дар раванди баҳодиҳии самаранокии иқтисодӣ татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот (ҷадвали 9-и автореферат), муаллиф мебоист усули пешниходнамудаи обёриро бо усули аслии дастӣ муқоиса мекард, на бо пошидани бидуни истифодаи танзимкунандагони сабзиш.

**2) Тақриз** аз доктори илмҳои техникӣ, профессори кафедраи Механизатсия ва автоматикунонии кишоварзӣ, Донишгоҳи давлатии аграрии Тошкент Тухтамишов Б.К. Тақриз мусбӣ мебошад. Эрод надорад.

**3) Тақриз** аз номзади илмҳои техникӣ, Донишгоҳи технологии Алмаато Шамбулова Г.Д. Тақриз мусбӣ мебошад. Тақриз мусбӣ буда эродҳои зерин дорад:

1. Илова бар ин, дар баъзе ҷадвалҳо воҳидҳои ченак дар формати ягона пешниҳод нашудаанд, ки ба коркард ниёз доранд.

2. Дар қисматҳои ҷудогонаи автореферат барзиёдии формулаҳо ва ҳисобу китоби муфассал мушоҳида мешавад, ки беҳтар мебуд ба замима илова карда шавад.

3. Дар боби натиҷаҳои самаранокии иқтисодӣ, ҷой додани нишондиҳандаҳо дар намуди графику диаграммаҳо муфид мебуд, зеро ин ба баланд гардидани сатҳи фаҳмиш ва тасаввурот дар бораи маводи пешниҳодшуда мусоидат менамуд.

**4) Тақриз** аз номзади илмҳои техникӣ, дотсенти кафедраи механикаи амалӣ, физика ва педагогикаи муҳандисии Донишгоҳи миллии аграрии Қирғизистон ба номи К.И. Скрябин Токтоналиев Б.С. Тақриз мусбӣ, эрод надорад.

**5) Тақриз** аз н.и.т., муовини директори генералии ҶДММ "Муосир" Сафаралиев М. Тақриз мусбӣ буда эродҳои зерин дорад:

1. Формулаҳои овардашуда танҳо стандартӣ буда, формулаҳои таҳқиқоти дар матн оварда нашудааст.

2. Барои муайян намудани самаранокии иқтисодӣ аз истифодабарии таҷҳизоти такмилдодашуда чӣ усул истифода бурда шудааст ва оё самаранокии иқтисодӣ бо ҳуҷҷат тасдиқ шудааст?

**6) Тақриз** аз доктори илмҳои техникӣ, директори Маркази рушди инноватсионии илм ва технологияҳои нави АМИТ Қодиров А.С. мусбӣ буда, эродҳои зерин дорад:

1. Азбаски объекти таҳқикот таҷҳизоти дорупошак аст, бояд ба масъалаи экологӣ аҳамияти хоса дода мешуд,

2. Дар баъзе расми 9 (саҳ, 8), 12 (саҳ. 21) набудани воҳидҳои ченак ба хатогии техникӣ роҳ дода шудааст,

3. Хуб мешуд, ки дар автореферат муаллиф бартарии парвариши ангури навъҳои ватаниро бо дигар ноҳияҳо қиёс намуда ва натиҷаашро бо шакли ҷадвал таҳия ва пешниҳод менамуд.

**7) Тақризи** номзади илмҳои кишоварзӣ, директори Стансияи таҷрибавии хокшиносию мелиоративии Суғди Институти хокшиносӣ ва агрохимияи АИКТ, Қаробоев О.Ҳ. Тақриз мусбӣ буда, эрод надорад.

**Шурои диссератсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

***муайян карда шуд:***

- дорупошакҳои анъанавӣ, ки дар токзорҳо истифода мешаванд, ба талаботи агротехникӣ ҷавобгӯ набуда, самаранокии паст, хароҷоти зиёди маҳлул ва меҳнатталабии баланд доранд;

- талафоти маҳлули обии танзимкунандаҳои сабзиш (ТС) то 50% мерасад, ки ин нишондиҳанда аз нуқсонҳои ҷиддии таҷҳизоти мавҷуда шаҳодат медиҳад;

- сохтори нави таҷрибавии дорупошак, ки бо шакли U-монанд ва бо системаи 4-пошаки амудӣ тарҳрезӣ шудааст, имконият фароҳам меорад, ки маҳлули корӣ бо сифати баланд ва самаранокии беҳтар ба буттаҳои ток татбиқ гардад;

- масофаи оптималии ҷойгиршавии пошакҳо (0,5 м аз девораи бутта) ва фишори корӣ (0,2–0,3 МПа) барои фарогирии комили сатҳи ботинии ток муайян карда шудааст;

- технологияи нав ва реҷаи кории муқарраршуда имкон доданд, ки истеъмоли маҳлули корӣ то 2,0–2,5 маротиба коҳиш ёфта, маҳсулнокии агрегатҳои пошдиҳанда то 3,5 маротиба афзоиш ёбад;

- истифодаи танзимкунандаҳои сабзиш ба монанди гибберелин ва сиркон дар асоси технологияи мукаммалкардашудаи пошдиҳӣ, ба афзоиши ҳиссаи чашмакҳои фаъол, беҳтар шудани нишондиҳандаҳои агробиологӣ ва зиёдшавии ҳосилнокии ангур то 21,2 т/га оварда расонд;

- таҳлили самаранокии иқтисодӣ нишон дод, ки татбиқи таҷҳизоти нав боиси коҳиши 30% хароҷоти моддӣ, сарфаи вақти меҳнатӣ ва афзоиши манфиати хоҷагиҳо мегардад;

- дар натиҷа, таҷҳизоти пешниҳодшуда ва технологияи нав пешниҳодшуда метавонанд ҳамчун ҳалли техникию технологӣ дар шароити токпарварии Тоҷикистон васеъ истифода шаванд.

***Коркард шуд:***

- коркарди назариявии равандҳои пошиши маҳлулҳои обӣ бо истифода аз усулҳои амсиласозии математикӣ, ҳаракати қатраҳои маҳлул дар фазо таҳти таъсири омилҳои кинематикӣ ва аэродинамикӣ моделсозӣ гардид;
- муодилаҳои ҳаракати парвози қатраҳо ва фишорҳои даруни қубурҳои пошдиҳанда таҳия ва таҳлил карда шуданд;
- тарҳрезӣ ва мукаммалгардонии таҷҳизоти дорупошии таҷрибавии сохтори U-шакл ба таҷҳизот таҳия гардида, масофаи оптималии ҷойгиршавии пошакҳо (0,5 м аз бутта), шумора (4 адад), фишори корӣ (0,2–0,3 МПа) ва суръати ҳаракати агрегат (4,5–5,5 км/соат) мутобиқ карда шудааст;
- методикаи саҳрой ва лабораторнии озмоишҳои технологӣ бо аниқсозии масоҳати биологии қисми болоии буттаи ангур (навдаҳо, баргҳо, хӯшаҳо), арзёбии талафоти маҳлул, таҳлили коркардшавии сатҳи бутта ва нишондиҳандаҳои муҳими агробиологӣ коркард ва татбиқ гардиданд;

- баҳодиҳии агробиологӣ ва самаранокии иқтисодӣ аз таъсири танзимкунандагони сабзиш ба афзоиши навдаҳо, хӯшаҳо, дарозии байнибуғумҳо ва ҳосилнокии умумии ангур таҳлил гардида, самаранокии иқтисодӣ нишон дод, ки харочоти меҳнатӣ 2–3 маротиба коҳиш ёфта, ҳосилнокӣ то 21,2 т/га афзоиш ёфт.

Санҷишҳои дар шароити истеҳсоли гузаронидашуда ва санади аз истеҳсолот ба даст оварда нишон дод, ки татбиқи технологияи коркардшуда дар истеҳсолот имконпазир аст.

***Пешниҳод карда шуд:***

- равандҳои технологиро хоҷагиҳои токпарвар барои пошидани дигар маҳлулҳои моеъгӣ ва навъҳои ангур, истифода аз таҷҳизоти U-монанд, ҷорӣ намоянд.

- ҳангоми истифодаи дорупошаки U-монанд бояд талаботи зерини техникӣ ва аграрӣ риоя карда шаванд:

- масофаи тавсияшавандаи байни қатор 3х2 м;

- суръати тавсияшавандаи ҳаракати агрегат 6 км/соат;

- васегии коркарди таҷҳизот 2 метр;

- барои пошидани маҳлули обии танзимкунандагони сабзиш ба 1 га, тавсия мешавад, ки Гибберрелин 100 мг/л ё Сиркон 0,2 мл/л ба 300 л/га об омехта шавад; - давраи гулкунии пурра ва охири гулкунӣ коркард карда шаванд.

***Исбот карда шуд, ки:***

- муодилаҳои математикӣ, таҳлили гидродинамикӣ ва ҳисоби кинематикии суръати қатраҳо дар муҳити амсиласозии Maple ва Excel нишон доданд, ки интихоби параметрҳои техникӣ (кунҷи пошиш, фишор, масофа) ба самаранокии пошиши маҳлул таъсири бевосита мерасонад;

- баҳодиҳии муқоисавӣ исбот намуд, ки таҷҳизоти мукаммалкардашуда имконияти харочоти моддӣ то 30%, сарфи маҳлул то 2,5 маротиба ва сарфи меҳнат то 2 маротиба коҳиш ёбад.

***Аҳамияти назариявии таҳқиқот аз он иборат аст, ки*** амсилаи математикии сохти таҷҳизот ба дорупошак бо вобастагиҳои реҷаи корӣ оварда шуд. Ба ғайр аз ин вобастагии таҳлилии ҳаракати маҳлули обии танзимкунандагони сабзиш дар равиш то девораҳои коркардшаванда оварда шудааст, ки мувофиқи он қисми зиёди маҳлул пурра девораи амудиро рӯйпӯш менамояд ва фоизи ҳосилнокиро баланд мекунад.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ аз он иборат аст, ки:** бартариҳои таҷҳизот ба дорупошаки таҷрибавӣ нисбат аз насоси дастии мавҷудбуда маҳсулнокии хеле баланд дорад, ки дар муҳлати кӯтоҳи агротехникии 5 - 6 рӯз тамоми майдонро

коркард менамояд, ки ин самаранокиро то 6-10 маротиба баланд мекунад; харољоти маҳлули обиро то 2,5-3,0 маротиба ва харољоти танзимкунандагони сабзишро то 30 % кам мекунад.

Чунин бартариҳо имконият медиҳанд, ки коркарди хушсифати хӯшаи гули ангур, барои баландшавии ҳосилнокии навъҳои ангури бедона ба монанди Кишмиши сиёҳ то 10,8 % зиёд шудан мусоидат кунад.

Инчунин, натиҷаҳои ба дастомадаи таҳқиқот дар раванди таълими фанҳои «Трактор ва мошинҳои кишоварзӣ», «Истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ», «Боғдорӣ» дар барномаи таълимии бакалавр ва магистрантҳо ва барои таҳияи маводҳои таълимӣ истифода шудаанд.

Дар диссертатсия **баён шудаанд**:

-воситаҳои техникӣ ҳангоми истифодаи танзимкунандаҳои сабзиш дар токзор нишон дод, ки таҷҳизоти дорупошии пешниҳодшуда самараи амалҳои агротехникиро баланд мекунад;

- сохти нав таҷҳизоти U-монанд ва андозаҳои геометрӣ ва кинематикии он, барои дурусту комилан ба таври амудӣ коркард намудани буттаи ангур имкон фароҳам оварда, бартараф кардани талафшавии барзиёди маҳлули пошдиҳанда, баланд шудани нишондиҳандаҳои сифатии кор ва иҷрои саривақтии онро, яъне дар муҳлати бо талаботҳои агротехникӣ муқарраршуда дар давоми 5-7 рӯзи дар давраи мавсим хизмат менамояд;

- таҳқиқотҳо доир ба дараҷаи саҳеҳии ба тири геометрӣ ҷойгир шудани буттаҳои ток вобаста аз бунёди токзорҳо бо мошин тариқи дастӣ маълум кард, ки бо мошин 30% нисбат ба тариқи дастӣ беҳтар гардидааст, ки дар оянда барои пошдиҳии босифати маҳлули гибберелин бо таҷҳизотҳои дорупошӣ таъсири мусбӣ мерасонад;

- ба хоҷагиҳои токпарвар тавсия дода мешавад, ки барои шинонидани буттаҳои ҷавони токи ангур воситаҳои техникиро бештар истифода баранд, ин тарзи кор дар ҳар гектар аз 4 то 5 ҳазор сомонӣ даромади софро медиҳад;

- реҷаи ҳаракати моеъ турбулентӣ шуда, ин гуна ҳаракат имконият медиҳад, ки коркарди хӯшаҳои гули ангур пурра ва хушсифат иҷро карда шуда, ба баландшавии ҳосили ангур мерасонад, яъне 1,8-2,0 маротиба зиёд мешавад;

- барои ҳисоби гидравликӣ суръати ҳаракати моеъ – 20 м/с; фишори моеъ - 0,2 мПа, қутри пошак - аз 1 то 3 мм қабул шуданд;
- самаранокии солона ба як мошинаи кишоварзӣ бо истифодабарии таҷҳизоти дорупошии таҷрибавии U-монанди такмилдодашуда то 6050 сомониро ташкил додааст, ки имконият медиҳад дар соли аввали истифодабарӣ харољотҳои худро барорад ва зиёда аз 1500 сомонӣ барои хоҷагӣ фоидаи соф биёрад.

***Омӯхта шудааст:***

- истифодаи воситаҳои техникӣ дар пошидани моеъ тавассути технологияи амсиласозии математикӣ;
- нишондиҳандаҳои кинематикии суръати ҳаракати сели заррачаҳои моеи пошдодашуда ва масир (дурии парвоз)-и он;
- сарфи маҳлули корӣ, шумораи пошакҳо ва масоҳати пошиши онҳо вобаста аз андозаҳои кинематикӣ ва реҷаи кори таҷҳизот;
- таҷҳизот ба дорупошак барои пошидани маҳлули обии гибберелин ба буттаи ток;
- таъсири танзимкунандаҳои сабзиш ва равандҳои техникӣ-технологӣ ба нишондиҳандаҳои агробиологии ангур;
- самаранокии техникии таҷҳизоти дорупошии таҷрибавӣ барои пошидани маҳлулҳои обии танзимкунандаи сабзиш.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** нишон дод, ки тамоми натиҷаҳои назариявию амалии диссертатсия тибқи қонунияти вобастагӣ ба ҳамдигар мувофиқат мекунанд, ки ин далели эътимоднокии диссертатсия мебошад. Ба ғайр аз ин, коркарди омориву математикии он нишон дод, ки хатогии он нисбат ба нишондиҳандаҳои меъёрӣ дар доираи талабот аст. Дар натиҷаи амсиласозии равандҳои технологии коркарди токзор бо таҷҳизоти таҷрибавӣ муодилаҳои математикӣ таҳия шуданд, ки қонунияти коркарди қатори токзорро инъикос менамоянд. Инчунин, бо нашри натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва маводи конференсияҳои илмии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ таъмин карда шуд.

- ***назарияи*** матраҳгардида дар самти илмҳои техникӣ нишон медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ буда, ғояи илмии олим мебошад. Натиҷаҳои бадастомада гувоҳи медиҳанд, ки таҳқиқоти гузаронидашуда мувофиқи мақсад буда, вазифаҳои гузошташударо пурра фаро мегиранд ва дар шароити имрӯза зарур мебошад;
- ақидаи муаллиф бо иттилооти оморӣ ва мазмунан ***асоснок шудааст***, ки кори пешниҳодшуда мукаммал ва ба итмом расонидашудаи илмӣ мебошад;

***Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ*** аз ҷустуҷӯ ва таҳлили сарчашмаҳои адабиёт оид ба мавзуи кори диссертатсионӣ, вазифагузорӣ ва ҳалли вазифаҳои гузошташуда, гузаронидани пажуҳиш ва таҳлилҳо дар шароити озмоишӣ, таҳлили натиҷаҳои бадастовардашуда, ҷамъбасти мазмуни асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия иборат мебошад.

Диссертатсия масъалаҳои асосии мавзуи зикршударо дар бар мегирад ва ба соҳаи илм мувофиқат мекунад, ки бо мазмуни худи рисолаи доктори (PHD), тартиб ва пайдарпаии пешниҳоди мавод, кушодани монеаҳо, ба

хулосаҳои зарурӣ дақиқ карда шудааст ва натиҷаҳои ба даст овардашуда ҳолати воқеии равандро тасдиқ менамояд.

**Шурои диссертатсионӣ ба чунин хулоса омад, ки** мутобиқи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ» Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №267 аз 30.06.2021 диссертатсияи Масаидов Ҷамшедҷон Ғуфронович кори анҷомёфтаи илмӣ, тахассусӣ, ба шиносномаи ихтисос мувофиқ мебошад, ки ҳалли масъалаи муҳим ва фарогири аҳамияти баланди илмиро дорост. Натиҷаҳое, ки муаллиф ба даст овардааст, эътимодноканд, хулосаҳо ва тавсияҳо асоснок мебошанд.

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионӣ аз 08.07.2025 қарор қабул карда шуд, ки Масаидов Ҷамшедҷон Ғуфронович сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз руйи ихтисоси 6D080600 – техникаи аграрӣ ва технология (6D080601 – технология ва васоити механиконии кишоварзӣ) мебошад.

Дар овоздиҳии пинҳонии Шурои диссертатсионӣ аз шумораи умумии __19__ нафар аъзоёни шуро, аз инҳо __3__ нафар докторони илм ва __2__ нафар номзадҳои илм аз рӯйи ихтисос дар ҷаласа иштирок намуданд, ки аз он тарафдор __17__ нафар, зид - __нест__, бюллетенҳои беэътибор __нест__.

Дар асоси ҳимояи диссертатсия ва натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ (протоколи №1 ҷаласаи комиссия ҳисобӣ) Шурои диссертатсионӣ 6D.КОА-050.

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

Ба КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад, ки Масаидов Ҷамшедҷон Ғуфронович сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз руйи ихтисоси 6D080600 – техникаи аграрӣ ва технология (6D080601 – технология ва васоити механиконии кишоварзӣ) дониста шавад.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
д.и.т., дотсент Гафаров А.А.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
н.и.т. Олимбойзода П.А.